«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_______________Раҳмон Д.С.
«___03___»___октябри______соли 2022

Хулосаи
ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика ва кафедраҳои таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ, илмҳои компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Рисолаи илмӣ дар мавзуи «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ» аз рӯи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз тарафи Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар кафедраҳои умумидонишгоҳии педагогика, таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ ва илмҳои компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

Дар рафти омода кардани рисола унвонҷӯ Ҳақназаров Толиб Меҳриддинович дар коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ба сифати омӯзгор ва сардори Маркази технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсия фаъолият намудааст.

Соли 2010 Ҳақназаров Толиб Меҳриддинович факултети математика ва информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлобро аз рӯи ихтисоси «Математика – информатика» бо дипломи хуб хатм намудааст.

Соли 2016 ба шуъбаи аспирантура ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ дохил шуда, таҳқиқоти илмӣ-амалии худро зери унвони

«Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ» шуруъ намудааст.

Роҳбари илмӣ – Дадобоева Мадина Солибоевна номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, декани факултети психологии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Ҳақназаров Толиб Меҳриддинович дар давраи фаъолияти унвонҷӯияш имтиҳонҳои ҳадди ақали номзадиро супорида, ба чунин натиҷаҳо ноил гардид: «Забони англисӣ» шаҳодатномаи №25 аз 04.02.2022 (хуб); «Таърих ва фалсафаи илм» шаҳодатномаи №201 аз 14.06.2022 (хуб). Дар натиҷаи муҳокима чунин ХУЛОСА қабул карда шуд:

Оғози асри XXI дар рушду инкишофи соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи навро кушод, яъне кишвари мо низ дар радифи дигар кишварҳои пешрафта ба раванди умумиҷаҳонии маориф ворид гардид.

Аз ҷумла, дар Тоҷикистон ба душвориву пешомадҳои иттилоотикунонӣ чун самти асосии навсозии низоми таҳсилот, ки проблемаи асосии дурнамои рушди тамаддун баҳогузорӣ мегардад, таваҷҷуҳи хоса дода шуд. Вобаста ба ин, дар даврони соҳибистиқлолӣ дар доираи сиёсати давлатӣ дар самти таҳсилот як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давлатӣ таҳияву қабул гардидаанд: Стратегияи давлатии «Технолоғияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (05.11.2003, №1174), Барномаи давлатии компютерикунонии мактабҳои миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015, Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (0312.2004, №468), Стратегияи миллии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва ғайра.

Тавре маълум аст, проблемаҳои дастгирии иттилоотӣ-компютерӣ ё тағйиротҳои таҷрибавӣ, таҳлилу ташкили масъалаҳои копютеркунонӣ

мунтазам дар маркази диққати ҳукумати кишвар ҷой дошта, дар баробари дигар самтҳо, вазифаи меҳварии таҳсилоти фарогир маҳсуб мeёбад ва он бо асосҳои таърихӣ дохил гардидан ба асри XXI дар шароити тағйирёбии куллӣ дар ҳаёти иҷтимоию фарҳангии ҷомеа, яъне тамоили умумии истифодаи самараноки БТТК муқаррар мегардад. Дар ин замина, таҳсилот ҳамчун самти афзалиятнок, бо фарҳанги ҷомеа алоқаманд буда, зарур аст ҳалли масъалаи компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта, босуръат гардонида ва омӯзиши таълимгирандагон дар ин самт тақвият дода шавад. Зарур аст, дар донишҷӯён, аз ҷумла мутахассисони ояндаи риштаи дефектология ба вуҷуд овардану ташаккул додани мафҳумҳои ҷаҳонбинии илмӣ бидуни донистану истифода бурдани БТТК, асосҳои илм ва малакаҳои ҳаётӣ ва саҳм гузоштан дар рушду инкишофи ҷомеаи кишвар ғайриимкон аст.

Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот дар он таҷассум мегардад, ки даврaи муосири рушди сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иктисодии кишвар таъмингардонии омодагии насли наврас, аз ҷумла кӯдакону наврасони имкониятҳои маҳдуддоштаро ба зиндагӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ, яъне ба вуҷуд овардани қобилияти инсон барои қаноатманд намудани талаботи чунин ҷомеа тақозо мекунад.

Дар ин радиф, асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон зикр намуданд, ки: «Вақте мо дар бораи тарбияи насли наврас мегӯем, набояд фаромӯш кунем, ки онҳоро бояд дар мактабҳо бо таҷҳизотҳои муосир, аз ҷумла компютерҳо таъмин намоем».

Дар баробари дастоварду пешрафт ва комёбиҳои назарраси соҳаи маориф, аз ҷумлаи ташкили муассисаҳои таълимии махсус барои кӯдакони имконияташон маҳдуд, ташкили кафедраву факултетҳои бо масъалаҳои таҳсилоти фарогир машғул дар заминаҳои мактабҳои олӣ, коркарду таҳияи маводҳои таълимиву методӣ, китобҳои дарсӣ,

ташкили синфхонаҳои махсуси дорои асбобу лавозимоти махсус барои мутахассисони соҳаи соҳаи таҳсилоти фарогир, муайян намудани имтиёз дар назди Маркази миллӣ тестӣ барои довталабони имкониятҳои маҳдуддошта ва дигар корҳои аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагиву ҳамкорӣ бо зерсохторҳояш дар самти таҳсилоти фарогир баъзе норасогиву нопуррагиҳо низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи маориф - истифодаи хеле маҳдуди барнома ва технологияҳои таълими компютерӣ (минбаъд БТТК) дар ҷараёни таълими кӯдакони имконияти маҳдудошта ва донишҷӯёни ихтисоси соҳаи таҳсилоти фарогир, бахусус логопед, сурдопедагог, олигофренопедагог, тифлопедагог ва ғайраҳо аз тарафи омӯзгорон маҳсуб меёбад.

Имрӯз дар педагогикаи махсуси аксари давлатҳои пешрафтаи дунё (Олмон, ИМА, Эрон, Ҷопон, Малазия ва ғайра) муносибати методии истифодаи барнома ва технологияҳои таълими компютерӣ дар ҷараёни таълими кӯдакони имконияти маҳдудошта барои донишҷӯён коркард гардидааст, вале дар кишвари мо вобаста ба ин самт мутассифона коре ба анҷом расонида нашудааст. Вобаста ба ин, дар доираи таълими фанҳои махсуси дефектологӣ дар кишварҳои собиқ ИДМ ба монанди Россия, Украина, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва ғ., ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи таҳсилоти фарогир бештар ба таҷрибаи ин давлатҳо такя мекунад, татқиқотҳои назариявӣ-озмоишии ташкил ва истифодаи БТТК гузаронида нашудаанд.

Дараҷаи коркарду истифодаи захираи муосир, аз ҷумла БТТК, ки воридсозии комилан мувофиқи он ба ҷараёни таълим метавонад дараҷаи ташаккули салоҳиятнокии касбии хатмкунандагони ихтисоси дефектология, аз ҷумла мутахассис-логопеди мактабҳои олиро таъмин намояд ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст ва бо ин ***мубрамияти*** татқиқоти мо муайян мегардад.

Мақсади таҳқиқот – таҳияву коркард ва ворид намудани барномаи компютерии ислоҳи нуқсони нутқии алалия ба раванди таълими касбии донишҷӯёни ихтисоси логопед.

Вазифаҳои таҳқиқот:

1. Омӯзиши ташаккул ва инкишофи хусусиятҳои педагогӣ-психологии кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқӣ дар мисоли алалия бо воситаи адабиёт ва таҳқиқотҳои мавҷуда.
2. Таҳлил ва ташхиси амалӣ- методии таълиму тарбияи кӯдакони нуқсонҳои нутқидошта дар мисоли алалия
3. Исбот ва тавсифи зарурияти истифодаи барномаву технологияҳои компютерӣ ва муқаррарнамоии нақшу вазифаҳои онҳо дар ташаккули дараҷаи касбияти донишҷӯи ихтисоси логопед.
4. Таҳия ва коркарди барномаи компютерии ба ташаккули маҳорати касбӣ ва инкишофи тафаккури донишҷӯи ихтисоси логопед таъсиррасонанда (дар мисоли нуқсони нутқии алалия).
5. Татбиқи озмоишии барномаи компютерии коркардшуда бо мақсади ташаккули маҳорати касбӣ ва дараҷаи малакаву дониши донишҷӯ- логопед.

Объекти таҳқиқот – барномаҳои компютерӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати омодагии касбии донишҷӯи ихтисоси логопед ҳангоми ташхиси вайроншавии нутқи кӯдакон (дар мисоли алалия).

Мавзӯи (предмет) таҳқиқот – роҳҳои коркарду истифодаи барномаҳои компютерии таълими кӯдакони нуқсони нутқидошта (дар мисоли алалия) дар раванди таълими донишҷӯи ихтисоси логопеди мактаби олӣ.

Фарзияи таҳқиқот – таҳия, коркард ва воридсозии барномаҳои компютерӣ ба раванди таълим ва омодасозии касбии донишҷӯи ихтисоси логопед дар мактаби олӣ таълимро босифат хоҳад кард, агар:

- имконияти коркарди пайдарҳами маҳорати назариявӣ-касбии ошкор ва дарёфти ҷузъҳои норасогӣ, вайроншавӣ ва нуқсонҳои нутқӣ, аз ҷумла алалия бо истифодаи БТТК фароҳам оварда шаванд;

- таҷрибаи донишҷӯ-логопед ба сифати мутахассис-логопеди ояндаи дорои касбияти баланд дар ташхиси сабаб ва омилҳои пайдоиши нуқсонҳои нутқӣ дар кӯдакон, аз ҷумла алалия бо истифодаи БТТК дар амал татбиқ гардад;

- фаъолияти пурмаҳсули инфиродии донишҷӯ-логопед дар машғулиятҳои гуруҳӣ бо пешниҳоди кӯмаки мазмунноки марҳилавӣ дар ҳар як давраи иҷрои машқҳои касбӣ, маълумотҳои оморӣ бо натиҷаҳои таҳлилии фаъолияти ҳар як донишҷӯ роҳандозӣ гардад.

Таҳқиқот дар се марҳила гузаронида шудааст.

Марҳилаи якум: ташхиси адабиётҳои мавҷуда бо мақсади ошкор намудани бартарияти БТТК ва муайян намудани нақшу вазифаҳои онҳо дар самти омодасозии донишҷӯёни ихтисоси логопед (2016 - 2017).

Марҳилаи дуюм: дар асоси марҳилаи якум таҳия намудани лоиҳаи барномаи компютерии «Машғулияти ислоҳи алалия бо воситаи бозии компютерӣ» (2018-2019).

Марҳилаи сеюм: таҳия ва коркарди методикаи ворид намудани БТТК ба раванди таълими донишҷӯ-логопед; гузаронидани корҳои озмоишӣ, коркарди ташхиси миқдорӣ ва сифатии маълумотҳои ба даст овардашуда дар асоси озмоиши барномаи компютерии «Машғулияти ислоҳи алалия бо воситаи бозии компютерӣ» (2020-2021).

Асосҳои назариявии таҳқиқот: Рисолаи мазкур барои соҳаи таҳсилоти фарогир, аз ҷумла логопедияи ватанӣ роҳи нави таҳқиқотро мекушояд, яъне коркарду таҳия ва истифодаи самараноки барнома ва технологияҳои компютерӣ раванди тайёрии касбии мутахассис-логопед дар мактаби олиро таъмин хоҳад кард.

Натиҷаҳои таҳқиқотро асосан дар таълими фанни «Логопедия», аз ҷумла қисмати «Алалия», ки минбаъд ба омӯзиши масъалаҳои назариявии таълими логопедия бо истифодаи барнома ва технологияҳои компютерӣ дар мактаби олӣ мусоидат мекунанд, истифода бурдан мумкин аст.

Пойгоҳи таҳқиқотиро заминаҳои факултети «Психологии»-и ДДОТ ба номи С.Айнӣ (20 нафар донишҷӯёни ихтисоси логопедия) ва Маркази ислоҳи нутқ ва шунавоии кӯдакони синни томактабии «Чашмаи Умед»-и ш.Душанбе (10 нафар) ташкил медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он таҷассум меёбад, ки бори аввал раванди ташаккули заминавии қисмати асосии фаъолияти касбии мутахассис-логопед, яъне маҳорати таҳлил ва гурӯҳбандии нуқсонҳои нутқии алалия дар сохтори нуқсонҳои нутқии гуногуни кӯдакон бо истифода аз барнома ва технологияҳои компютерӣ пешниҳод гардид; нақш, мавқеъ ва вазифаҳои барнома ва технологияҳои компютерӣ дар ин раванд асоснок гардидаанд; барномаи намунавии компютерии барои ин раванд зарур коркард гардид (тасвирӣ-намоишӣ, таълимӣ ва ғ.); бо воситаи озмоиш сифатнокии истифодаи барномаи намунавии компютерии коркардшуда дар ҷараёни ташаккули салоҳиятнокии касбӣ мутахассис – логопед исбот гардид.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Омодагии касбии мутахассис-логопед ҳангоми кор бо кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқии дараҷаи вазнин (дар мисоли алалия) дар марҳилаи нав таҷдиди назар ва азнавсозии роҳҳои ташаккули маҳорати касбиро дар асоси истифодаи БТТК талаб мекунад.

2. Бо воситаи БТТК имконпазир мегарданд:

- тамошо ва гӯш кардани якчандкаратаи намунаҳои нутқи кӯдакон дар шакли сабти аудио-видеоӣ, ки ба туфайли он дар шароити таълими аудиторӣ донишҷӯ-логопед таҷрибаи зиёди таҳлили нуқсонҳои фонетикии нутқи кӯдаконро ба даст меорад;

- итиснои баркасдонаи идроки шунавӣ ва биноии нутқи кӯдак бо таъмини имкониятҳои баҳодиҳии қисмати фосилавӣ ва талаффузии нутқи нуқсондори фонетикӣ;

- дар шароити аудиторӣ таъмин намудни ташхиси логопедии якчанд ҳолатҳои махсуси кӯдакона бо интихоби кушоди пайдарҳамиву мундаричаи амали мутахассис бо тафтиши автоматиии натиҷаҳои ташхиси гузаронидашуда, ислоҳнамоии мустақилонаи хатоиҳои роҳдодашуда ва азнавтафтишнамоии автоматӣ.

3. Ворид намудани барномаи компютерии коркардшудаи «Машғулияти ислоҳи алалия бо воситаи бозии компютерӣ» ба раванди таълим имокният медиҳад, ки яке аз қисматҳои фаъолияти касбии логопед - маҳорати ошкорсозӣ ва гуруҳбандии нуқсонҳои фонетикӣ дар сохтори нуқсонҳои гуногуни нутқӣ ташаккул ёбад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:

Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, дар он аст, ки дар заминаи омӯхтан, таҳлил намудани тадқиқотҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ, заминаҳои назариявию амалӣ, таҷрибаи муассисаҳои кишварҳои пешсаф дар соҳаи таҳсилоти фарогир имконияти таъмини дастгирии компютериро дар ташаккули донишу малака ва маҳоратҳои касбии донишҷӯёни ихтисоси логопедия муайян намуд: бо таҳияву коркарди барномаи компютерии «Машғулияти ислоҳи алалия бо воситаи бозии компютерӣ» ва бо ташкилу гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ аҳамияти истифодаи воситаҳои технологиро дар таъмини муҳити омӯзишӣ ва самаранокии омодасозии мутахассис-логопед муқаррар намуд.

Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия: - дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалии илмӣ-амалӣ,

тренингҳо, мизҳои мудаввар ва семинарҳо оид ба масъалаҳои назария ва амалияи омӯзишу парвариш; -гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласа ва семинарҳои илмӣ-методии факултети психология ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва Маркази технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионии Коллеҷи омӯзгории назди ДДК ба номи А.Рӯдакӣ; -маърӯзаҳо дар конференсияҳои солонаи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорони ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва ДДК ба номи А.Рӯдакӣ; -суханронӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ доир ба назария ва методикаи таълими донишҷӯёни ихтисосҳои информатика ва дефектология, аз ҷумла логопедон.

Натиҷаҳои асосӣ дар маводҳои Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Паёми ДМТ, Паёми ДДК ба номи А Рӯдакӣ, маҷмуаҳои маводҳои конфронсҳо инъикос ёфтаанд; аз санҷиши зарурӣ гузаштанд, дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳои васеъ баррасӣ шудаанд, дар 11 мақола инъикос ёфтаанд, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тавсиявии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Диссертатсияи Ҳақназаров Толиб Мехриддинович дар мавзуи «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия), барои ба даст овардани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҳақназаров Толиб Мехриддинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) мебошад.

Дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика ва кафедраҳои таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ, илмҳои компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 18 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 18 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. (Қарори ҷаласаи кафедраҳои умумидонишгоҳии педагогика, таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ ва илмҳои компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 30.09.2022, №2).

Мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи
Рӯдакӣ, н.и.п, дотсент — Лоиқов Парвиз Ҷумахонович

Мудири кафедраи таҳсилотӣ томактабӣ
ва кори иҷтимоии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
н.и.п., дотсент — Шарипов Бахтовар Файзович

Мудири кафедраи илмҳои компютерии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
н.и.т, саромӯзгор — Шарипов Аламшо Партоевич

Котиби ҷаласа — Набиева Савлат Тилавқуловна

30.09.2022

Маълумот барои тамос: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16.
Тел: (83322) 235-06
E-mail: info@kgu.tj

Имзоҳои П.Л.Лоиқов., Б.Ф.Шарипов.,
А.П.Шарипов ва С.Т.Набиеваро
тасдиқ менамоям.
Сардори РК ва КМ-и ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: — Амиров Файзуллохуча Азизович